КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ
НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

# ФАРМОИШ

аз «2» декабри соли 2019 №263 ш. Душанбе

Дар бораи рад намудани
додани дараҷаи илмӣ

Мутобиқи бандҳои 13 ва 18 Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (17.06.2016, №504) ва Низомномаи намунавӣ оид ба шӯрои диссертатсионӣ (26.11.2016 №505),

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Қарори шӯрои диссертатсионии 6D.КОА – 013 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 25.04.2019 оид ба додани дараҷаи илмии номзади илмҳои физикаю математика ба Маҳмадалиев Ҳукмиддин Саймуминович аз ихтисоси 05.13.18 – Амсиласозии математикӣ, усулҳои ададӣ ва комплекси барномаҳо аз рӯйи натиҷаи ҳимояи диссертатсия дар мавзӯи «Таҳқиқоти амсилаҳои математикии ҳимояи дарахтҳои мевадор дар экосистемаҳои боғӣ» бинобар риоя накардани талаботи бандҳои 65, 67 Низомномаи намунавӣ оид ба шӯрои диссертатсионӣ (26.11.2016 №505) бекор карда шавад.
2. Додани дипломи дараҷаи илмии номзади илмҳои физикаю математика ба Маҳмадалиев Ҳ.С. рад карда шавад.
3. Баррасии такрории ҳимояи диссертатсияи Маҳмадалиев Ҳ.С барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои физикаю математика тибқи муқаррарот баъд аз 1 (як) сол аз рӯзи ба имзо расидани фармоиш иҷозат дода шавад.
4. Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА – 013 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон огоҳонида шавад.
5. Фармоиши мазкур дар муҳлати 10 рӯз аз рӯзи ба имзо расидан дар сомонаи расмии КОА ҷойгир карда шавад.
6. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба уҳдаи муовини раиси КОА Комилиён Ф.С. гузошта шавад.

Асос: қарори Шӯрои экспертӣ дар самти илмҳои Математика, механика ва информатика, қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 ноябри соли 2019, протоколи №10.

Раис А. Розиқзода